# ХУЛОСАИ

**Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи "Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 - Омор пешниҳод шудааст.**

1. Мавзӯи диссертатсияи Ашуров Ф.М. "Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" кори ба анҷом расидаи таҳқиқоти илмӣ дониста шуда, натиҷаи заҳмати унвонҷӯй ба шумор меравад. Таҳқиқоти илмии муаллиф ҷанбаҳои назариявию - методӣ ва равандҳои асосии гузаронидани таҳлили иқтисодӣ - омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро дар бар мегирад. Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мустақилона аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда, мазмуни пурраи таҳқиқоти илмиро инъикос менамояд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10 ва 11–и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Рисолаи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи омор ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст. Дар таҳқиқоти илмӣ натиҷаҳои баландӣ аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ, муҳим барои пешрафти иқтисодиёт ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот пешниҳод гардидааст, ки он дорои моҳияти баланди илмӣ мебошад. Таҳқиқоти илмӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои пешрафти иқтисоди миллӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, муҳим арзёбӣ мегардад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D051200 – Омор, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27 – уми апрели соли 2017, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба

талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 3,03 ч.ч.) ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи илмӣ алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшудаи муаллиф ба банди 14-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Ашуров Ф.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя гардидани банди 16-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ашуров Ф.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи докторант (PhD) чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба назар гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи “Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D051200 – Омор ба Шӯрои диссертасионии 6D.KOA-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо дарназардошти ризоияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20 марти соли 2020 таҳти №87) ва пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Амонова Дилбар Субҳоновна** - профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон;

- **Солиев Назар Норович** - сардори бахши таҳқиқоти илмии “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ”-и Бонки миллии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъйин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
номзади илмҳои иқтисод, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Мирзоев С.С.**

**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои иқтисод, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Боҳирова Х.С.**

номзади илмҳои иқтисод, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Мирзохонов С.О.**